**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ________________________

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.08.2026, протоколи №56 барои сазовор донистани Қодиров Ҷаъфар Ашурович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

Диссертатсияи Қодиров Ҷаъфар Ашурович дар мавзуи «Асосҳои педагогии омӯзиши технологияҳои компютерӣ ба донишҷӯён-мутахассисониояндаи равияи иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2026, таҳти №85/шд) 20- уми июни соли 2026 суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қодиров Ҷаъфар Ашурович 10-уми январи соли 1978 дар шаҳри Ҳисор таваллуд шудааст. Соли 2013 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси андоз ва андозбандӣ дараҷаи бакалавр ва соли 2016 аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дараҷаи магистр хатм кардааст.

Қодиров Ҷаъфар Ашурович аз соли 2017 унвонҷӯи шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон буда, айни ҳол дар вазифаи сармутахассиси Шурои илмӣ-методии ректорати донишгоҳ, ҳамзамон дар баробари вазифа тайи солҳои

зикршуда муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** - доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Назаров Аҳтам Пулотович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Абдусамадзода Мусулмон Абдусамад –** доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6Д011101.02 - Назария ва методикаи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ), и.в. дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Қодиров Ҷ.А. бо имзои раиси ҷаласа д.и.ф-м., профессори кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерии Донишгоҳи милли Тоҷикистон Одинаев Р.Н., ташхисгар, н.и.п., дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Худойқулова Қ.Ҷ. ва котиби ҷаласа, н.и.ф-м., мудири кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаффарзода А.Б. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. аз 20-уми июли соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки

диссертатсияи номзадии Қодиров Ҷаъфар Ашурович дар мавзуи «Асосҳои педагогии омӯзиши технологияҳои компютерӣ ба донишҷӯён – мутахассисони ояндаи равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 16 адад интишороти илмӣ нашр намудааст, ки ҳамаи он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 мақола ба нашр расонидааст.

1. Мирзоев А. Интерпретация компьютерных технологий как определяющий стержень в современной системе профессиональной подготовки экономистов [Текст] / Мирзоев А., **Дж.А. Кодиров** // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, – 2019 – №6. – С. 249-253. ISSN 2074-1847.

2. Шарипов Ф. Внедрение и компьютеризация процессов обучения в экономике [Текст] / Шарифов Ф., **Дж.А. Кодиров** // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2019. – №7. – С. 215-218. – ISSN 2074-1847.

3. **Қодиров Ҷ.А.** Компетентная характеристика экономистов - выпускников вузов в формировании знаний, умений, навыков с применением информационных технологий / [Текст] / Кодиров Дж.А., Каландаршоев С. // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе 2020. – № 10. – С. 291-294. – ISSN 2074-1847.

4. **Қодиров Ҷ.А.** Нақши технологияҳои компютерӣ дар салоҳиятҳои касбии иқтисодчӣ [Матн] / Ҷ.А. Қодиров, С. Каландаршоев // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №1 (34). – С. 114-118. – ISSN 2222-9809.

5. **Қодиров Ҷ.А.** Сатҳи мутобиқати маълумоти олии иқтисодӣ дар раванди азхудкунии технологияҳои касбии компютерӣ [Матн] /Ҷ.А. Қодиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №10. – С. 236-239. ISSN 2074-1847.

6. **Қодиров Ҷ.А.** Муносибати фаъолиятнокӣ-иттилоотӣ барои омӯзиши донишҷӯёни равияи иқтисодӣ [Матн] / Ҷ.А. Қодиров, С. Каландаршоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – №7. – Душанбе 2021. - С. 184-190. ISSN 2074-1847.

7. **Қодиров Ҷ.А.** Технологияҳои рақамии таълим ҳамчун воситаи рушди салоҳиятҳои иқтисодӣ дар донишҷӯёни зинаи бакалавр [Матн] / Ҷ.А. Қодиров // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 1 (55). – С.363-369. SSN 2222-9809.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Қодиров Ҷаъфар Ашурович ворид шудаанд:

1. Азизов А.А. – д.и.п., профессори кафедраи технология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Тақриз мусбат аст.

2. Аҳмадзода Б.С. – д.и.п., дотсент, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи технкии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Рустами Абдуҷаббор – н.и.п., мудири кафедраи методикаи таълим ва таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Данғара. Тақриз мусбат аст.

4. Назарзода Р.С. – н.и.п., сардори идораи корҳои илмӣ-татбиқотӣ, и.в. дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

– бори аввал таҳлил ва арзёбии муносибатҳои назариявӣ ва методологӣ доир ба коркарди малакаҳо ва салоҳиятҳои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар соҳаи истифодабарии ТКИИ дар фаъолияти касбӣ;

– бори аввал мавриди таҳлил қарор додани вазъи умумии мавҷудаи тайёрии донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар соҳаи истифодабарии ТКИИ дар фаъолияти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– коркард ва пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба номгӯй ва самти рушди салоҳиятҳои зарурӣ дар донишҷӯёни равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодабарии ТКИИ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** бо муҳиммияти ҷамъбасти илмӣ, ки дар диссертатсия инъикос гардидаст ва хулосаҳои асосӣ дар қисмати таҳлили раванди истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ дар раванди таълими донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули донишу салоҳиятҳои зарурӣ дар онҳо муайян карда мешавад.

Муносибатҳои назариявӣ-методологӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат ҳангоми коркарди барномаҳо оид ба рушди идоракунии сифати таълим дар асоси ТИИ, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар раванди таълими курси махсус, ки бо фаъолияти таълимии омӯзгор дар шароитҳои истифодабарии ТИИ дар раванди педагогии муассисаҳои таҳсилоти олӣ алоқаманд аст, ба ҳисоб гирифта шуда, мавриди истифода қарор дода хоҳанд шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин таъмин гардидаанд: Аслияти муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодгардида бо гузориши саҳеҳи вазифаҳо; истифодабарии маълумотҳои расмии оморӣ; асосноксозии мавқеъҳои ибтидоии методологӣ; мувофиқати маҷмуи методҳои истифодагардида ба предмети таҳқиқот ва вазифаҳои гузошташуда; таҷрибаи шахсии таҳқиқотчӣ таъмин карда мешавад.

Мувофиқати натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои ба ҳам наздики муаллифони дигар, инчунин муқаррароти ибтидоии назариявӣ муқаррар карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии мавод; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар таҳияи диссертатсия таҷассум меёбад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 29- уми августи соли 2026 оид ба сазовор донистани Қодиров Ҷаъфар Ашурович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктарони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 16 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Раҳматуллоҳзода Ш.Р.**

“_29_”____08___ 2026
ҷ.м.